*Созишномаи грантӣ № 1860160*

Созишномаи грантӣ

байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

вобаста ба

лоиҳаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо»

Рӯз моҳ сол

Дар асоси Табодули ёддоштҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Япония аз _______ оид ба ҳамкории иқтисодии Япония ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - «Т/Ё») ва мутобики қонуну санадҳои меъёрӣ ва маблағҳои ҷудошудаи буҷети Япония, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - «Грантгиранда») ва Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба мувофиқа омаданд ва Созишномаи грантии зеринро (минбаъд «С/Г») бастанд.

**Моддаи 1. Маблағ ва мақсади Грант**

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба Грантгиранда грантро дар ҳаҷми яксаду шаст миллион (160,000,000) йени японӣ (минбаъд - «Грант») бо мақсади мусоидат намудан ба амалишавии лоиҳаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо», ки дар зербанди (1), банди 1 Т/Ё (минбаъд – «Лоиҳа»), ки маълумоти муфассалаш дар замимаи 1 Созишномаи мазкур оварда шудааст, пешниҳод менамояд.

**Моддаи 2. Пешниҳод намудани Грант**

Грант дар шакли пардохтҳо, ки аз ҷониби Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муддати дар сутуни 1 замимаи 1 нишондода мувофиқи тақсимоти маблағи умумӣ аз рӯи марҳилаҳои дар сутуни 2 замимаи 1 овардашуда анҷом мегардад, дастрас мебошад.

**Моддаи 3. Истифодаи Грант**

Грантгиранда грантро бояд ба таври дуруст ва танҳо барои пардохти Агент, (минбаъд - «Агент»), ки шаҳрвандии кишварҳоеро доро мебошад, ки дар қисми 2 замимаи 2 барои хариди молҳо ва / ё хизматрасониҳои ҷиҳати татбиқи Лоиҳа зарурбуда аз кишварҳои салоҳиятдори дар қисми 3 замимаи 2 тавсифшуда, истифода барад.

**Моддаи 4 . Идоракунии Грант**

(1) Грантгиранда Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун мақомоти иҷроия барои татбиқи Лоиҳа аз номи Грантгиранда (минбаъд - «Мақомоти иҷроия») таъин менамояд. Грантгиранда бояд Мақомоти иҷроияро барои иҷро кардани уҳдадориҳое, ки ба зиммаи Грантгиранда вогузошта шудаанд, водор намояд ва масъулиятро барои ҳамаи амалҳои Мақомоти иҷроия оид ба Лоиҳа ба зиммаи худ гирад.

(2) Грантгиранда бояд Агентро барои татбиқи Лоиҳа ба кор гирад. Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд Агентро ба

Грантгиранда тавсия диҳад. Чунин тавсияи Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ нисбат ба Агент маънои онро надорад, ки Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ӯҳдадориҳои Агентро, ки дар назди Грантгиранда дорад, ба зиммаи худ мегирад.

(3) Дар ҳолате агар маблағҳои Грант барои амалисозии Лоиҳа нокифоя бошанд, Грантгиранда бояд барои пешниҳоди маблағҳои зарурӣ чораҳои бетаъхир андешад.

**Моддаи 5. Муқаррароти умумӣ ва шартҳо**

(1) Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Грантгиранда бояд мазмуни Шарту муқаррароти умумии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ –ро, ба гранти Япония дахл дорад аз моҳи январи соли 2016 (минбаъд - «ШМУ») риоя намоянд.

(2) Тафсилот вобаста ба харид, ки дар қисми 2.01 ШМУ пешбинӣ гардидааст, дар замимаи 2 Созишномаи мазкур тавсиф шудааст.

(3) Тартиби пардохт, ки дар қисми 3.01 ШМУ пешбинӣ шудааст, дар замимаи 3 Созишномаи мазкур тавсиф карда шудааст.

(4) Калимаи «Мушовир» дар «ШМУ» бояд бо калимаи «Агент» иваз карда шавад.

(5) Суроғаҳои дар қисми 7.03 ШМУ пешбинишуда, чунинанд:

Барои Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ
Суроғаи почта:
Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ
Намояндагӣ дар Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734013, ш. Душанбе, маҷмааи идоравӣ ва меҳмонхонаи «Серена», ошёнаи чорум ва панҷум
Ба Роҳбари Намояндагӣ

Нусха:
Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ
Департаменти татбиқи ҳамкориҳои молиявӣ
Япония, ш. Токио, 102-8012, Нибан-чо 5-25, Чиеда-ку, Токио
Ба Директори генералӣ

Барои Грантгиранда
Суроға:
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон



кӯчаи А. Раҷабовҳо 3, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
Тел: (+992 37) 221-14-17
Суроғаи почтаи электронӣ: Min_fin@tojikiston.com
Ба Вазир

Барои Мақомоти иҷроия
Суроға:
Агентии хизмати давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кӯчаи Саид Носир 33, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003
Тел: (+992 37) 224-02-74
Суроғаи почтаи электронӣ: info@ahd.tj
Ба Директор

**Моддаи 6. Дигар ӯҳдадориҳои Грантгиранда**

(1) Грантгиранда бояд ӯҳдадориҳои дар қисми 4 замимаҳои 2 ва 4 омадаро иҷро намояд.

(2) Грантгиранда бояд таъмин намояд, ки ҳеҷ як шахси мансабдор аз ҷониби Грантгиранда ба худ ӯҳдадориро аз рӯи қарордоди хариди мол ва хизматрасоние, ки барои амалисозии Лоиҳа зарур аст, нагирад.

**Моддаи 7. Сарлавҳаҳо**

Сарлавҳаи моддаҳо дар ҳуҷҷати мазкур танҳо барои қулай будан гузошта шудаанд ва набояд ҳамчун маҳдудкунанда шарҳ дода шаванд, ё ин ки ба таври дигар ба муқаррароти Созишномаи грантӣ таъсир расонанд.

Бо тасдиқи ин, Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Грантгиранда, дар шахсияти намояндагони ваколатдори худ, Созишномаи грантиеро, ки аз номи онҳо ба таври зарурӣ дар шаҳри Душанбе дар санаи болозикр бояд иҷро гардад, тартиб додаанд.

| Аз номи | Аз номи |
|---|---|
| ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | АГЕНТИИ ЯПОНИЯ ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ |
| Ном<br>Вазифа | Хидеки ТАНАБЕ<br>Роҳбари намояндагии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон |

Замимаи 1

Тафсилоти Лоиҳа

1. Ҳадаф:

Ҳадафи Лоиҳа ин ҳалли масъалаҳои рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути дастгирии хизматчиёни ҷавони давлатӣ мебошад, ки мехоҳанд, дар ояндаи наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи роҳбарикунандаро ишғол намоянд ва унвону дараҷаҳои илмӣ ва докториро дар донишкадаҳои олии Япония ба даст оранд, дар баробари ин дар пурзӯр намудани муносибатҳои мутақобилан судманд саҳми худро гузоранд.

2.Маҷмӯи кор:

(а) Ҳама хизматрасониҳои зарурии илмӣ дар Япониярасонида хоҳад шуд
(б) Пардохти стипендияҳо

Замима

| Сутуни 1 | Сутуни 2 |
|---|---|
| Давра | Маблағ |
| Санаи эътибор пайдо намудани С\Г 31 декабри соли 2025 (марҳилаи 1) | Сию ду миллион (32,000,000) йени Япония |
| 1 апрели соли 2019 -31 декабри соли 2025 (марҳилаи 2) | Панҷоҳ миллион (50,000,000) йени Япония |
| 1 апрели соли 2020 -31 декабри соли 2025(марҳилаи 3) | Чилу се миллион (43,000,000) йени Япония |
| 1 апрели соли 2021 -31 декабри соли 2025(марҳилаи 4) | Сию се миллион (33,000,000) йени Япония |
| 1 апрели соли 2022 -31 декабри соли 2025 | Ду миллион (2,000,000) йени Япония |

Маблағи умумӣ: яксаду шаст миллион (160,000,000) йени Япония .

Замиман 2

## Тафсилоти харид

### Қисми 1. Дастурҳо оид ба харид дар доираи Грант

Барои таъмин намудани истифодаи дуруст ва истисноии Грант, мол ва/ё хизматрасониҳое, ки барои татбиқи Лоиҳа заруранд, бояд тибқи дастури амалиётӣ оид ба хариди Лоиҳаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» дар доираи низоми нав аз июли соли 2015 (минбаъд – «Дастури амалиётӣ») харидорӣ шаванд.

### Қисми 2. Шахсони салоҳиятдор

(1) Агенти салоҳиятдор бояд шаҳрвандони Япония бошад, дар сурате, ки Агент қарордодҳо оид ба амалисозии Лоиҳа бевосита бо Грантгиранда иҷро мекунад.

(2) Дар бораи зербанди (1) болозикр истилоҳи «шаҳрвандони Япония» маънои онро дорад, ки шахсони воқеии Япония ё шахсони ҳуқуқии Япония, ки аз ҷониби шахсони воқеии Япония идора мешаванд, чӣ тавре дар банди 4-и Т/Ё омадааст.

(3) Ҳамаи қарордодҳои дар зербанди (1) болозикр пешбинишуда бо йени японӣ ифода карда шаванд.

### Қисми 3. Давлатҳои салоҳиятдор барои харид

(1) Давлатҳое, ки дорои ҳуқуқи давлатӣ барои хариди молҳо ва / ё хизматрасониҳои зарурбуда ҷиҳати амалисозии Лоиҳа мебошанд, бояд давлати Япония ва кишвари қабулкунанда бошанд.

(2) Сарфи назар аз қисми (1) болозикр, вақте ки Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Грантгиранда зарур мешуморанд, Грант метавонад ҷиҳати амалисозии Лоиҳа, барои хариди мол ва/ё хизматрасонӣ аз кишварҳои сеюм, ба ғайр аз Япония ё давлати Грантгиранда истифода шавад.

### Қисми 4. Шарҳи Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Грантгиранда ба Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ вобаста ба расмиёту қарорҳои Грантгиранда оид ба харид, барои баррасӣ ва мувофиқа бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар ҳолатҳои мазкур пешниҳод намояд. Грантгиранда ҳамчунин бояд ба Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ барои маълумоти ӯ дилхоҳ ҳуҷҷати марбут ба Лоиҳа ва



иттилоотро аз рӯи дархости асосноки Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ пешниҳод намояд. Дар сурате, ки Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба чунин ҳуҷҷатҳо эътироз пеш наорад, Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд ба Грантгиранда дар бораи розӣ буданаш ба таври дахлдор хабар диҳад. Ҳуқуқи Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ барои амалисозии чунин шарҳ ва пешниҳоди розигӣ уҳдадории Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳисобида намешавад. Грантгиранда, бо сабаби он, ки Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳуқуқи иҷрои чунин шарҳро бо хоҳиши худ дорад, аз ягон намуди уҳдадориҳои худ тибқи Созишномаи грантӣ озод карда намешавад.

(1) Иҷрои Қарордод аз ҷониби Агентӣ

Қарордоди аслӣ бо Агентӣ дарҳол пас аз ба имзо расидан, ҷиҳати барои тафтиш ва тасдиқи мутобиқати он ба талаботи Грант бояд пешниҳод карда шавад.

(2) Ислоҳот ва бекор кардани Қарордод

(а) Тамдид намудани мухлати Қарордод ва асосе, ки пешниҳодотро тасдиқ мекунад, пеш аз ворид намудани тағйирот пешниҳод карда шавад; дар ҳолате, ки мухлати иловагӣ зиёда аз се (3) моҳро дар бар мегирад ва ё вақте ки давраи охири мухлати амали Қарордод ва мухлати дастрасии Грант камтар аз шаш моҳ (6) бошад.

(б) Оид ба ҳар гуна тағйирот ё бекор кардани Қарордод дарҳол бояд Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ огоҳонида шавад ва баъди ба имзо расонидан, шартномаи аслӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои тафтиш ва тасдиқ намудани тағйирот ба шартнома барои риояи талаботи Грант пешниҳод карда шаванд.

(3) Тағйироти тарҳи ибтидоӣ

Тавсифи тағйироти назаррас дар тарҳи ибтидоии лоиҳа бояд пеш аз анҷоми корҳои вобаста ба тарҳи тағйирдодашуда пешниҳод карда шавад.

Барои канорагирии шубҳа, ҳар гуна тағйироте, ки ба тарҳрезӣ ё тағйироти шартнома тағйироти назаррасро ворид наменамояд, мутобиқи қоидаҳои Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ розигии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалиро талаб намекунад.

Замимаи 3

## Расмиёти пардохт

### Қисми 1. Созишномаи Бонкӣ ва розигӣ барои пардохт

Грантгиранда бояд Созишномаи бонкиро (минбаъд - «С/Б»), бо як бонк дар Япония (минбаъд - «Бонк - Агент») ба имзо расонад ва Суратҳисоби грантро (минбаъд - «С/Г») дар бонки мазкур пас аз имзои С/Г мекушояд. Созишномаи Бонкӣ вазифаи Бонк - Агент ва Грантгирандаро роҷеъ ба гирифтани маблағҳо аз Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва пардохтҳо ба Агент дар доираи Грант шарҳ медиҳад. Бо мақсади иҷрои расмиёт, ки дар Созишномаи бонкӣ тавсиф шудааст, Грантгиранда ба Бонк - Агент иҷозати пардохтро барои ҳар як қарордод, ки аз ҷониби Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ тасдиқ шудааст, медиҳад.

### Қисми 2. Расмиёти пардохт

Пардохт бояд бо дархости Агент амалӣ карда шавад. Дархост барои пардохт ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ бояд ба Бонк-Агент аз ҷониби Агент, ки дар асоси иҷозат барои пардохт ваколатдор шудааст, пешкаш шавад ва ба таври муносиб, ин ҳуҷҷатҳо бояд ба Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ пешниҳод шаванд. Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳаҷми зарурии Грантро дар йени японӣ ба Суратҳисоби грант баъд аз тасдиқ шудани дархости пешниҳодшуда оиди пардохт ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ пардохт менамояд. Баъд аз гирифтани Грант, Бонк - Агент ба Агент пардохтро аз Суратҳисоби грант аз номи Грантгиранда амалӣ менамояд.

Замимаи 4

## Ухдадориҳои Грантгиранда

Мутобиқи ухдадориҳои Грантгиранда, ки дар Т/Ё дарҷ гардидааст, Грантгиранда ухдадориҳои дар ҷадвали зерин дарҷгардидаро ба ӯҳдаи худ мегирад. Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Грантгиранда метавонанд ба таври хаттӣ вобаста ба мухлати амал ва дигар масъалаҳои бамиёномадаи ҷадвали зерин, дар доираи ухдадориҳои Т/Ё пешбинигардида, ахд намоянд

1. Ухдадориҳои мушаххаси Грантгиранда, ки аз ҳисоби Грант маблағгузорӣ намегардад

| № | Банд | Мухлат | Муассисаи масъул | Арзиши тахминӣ | Шарҳҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Таъсиси Кумитаи роҳбарикунанда (минбаъд – «Кумита») барои муҳокима намудани масъалаҳои марбут ба С/Г | Дар давоми 1 моҳ пас аз имзои С/Г | Агентии хизмати давлатӣ | | |
| 2 | Таъин намудани Роҳбари намояндагии Грантгиранда, ба ҳайси раиси Кумита | Дар давоми 1 моҳ пас аз имзои С/Г | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | | |
| 3 | Кушодани ҳисоби бонкӣ (Созишномаи Бонкӣ «С/Б») | Дар давоми 1 моҳ пас аз имзои С/Г | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | | |
| 4 | Пешниҳод намудани Суратҳисоби Бонкӣ ба Бонки Япония барои пардохт ба Агент | Дар давоми 1 моҳ пас аз имзои С/Г | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | | |
| 5 | *Пардохт намудани комиссияи бонки Япония барои* хизматрасонии бонкӣ дар асоси С/Б | | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | | |
| | 1) Комиссияи хизматрасонии мушовирӣ барои Суратҳисоби Бонкӣ | Дар давоми 1 моҳ пас аз имзои С/Г | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | тақрибан JPY6,000 | |
| | 2) Пардохти комиссия барои Суратҳисоби Бонкӣ | Ҳар як пардохт | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | тақрибан 0.1% аз маблағи пардохт | |
| 6 | *Ташкил намудани вохӯрии аввалини Кумитаи* роҳбарикунанда | Дар давоми 1 моҳ баъд аз таъсиси Кумита | Агентии хизмати давлатӣ | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Ташкил намудани вохӯрии Кумитаи роҳбарикунанда | Дар вақти амалисозии Лоиҳа | Агентии хизмати давлатӣ | | |
| 8 | Озод намудани пардохтҳои андозию гумрукие, ки дар кишвари Грантгиранда дар робита ба хариди мол, кор ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад. | Дар вақти амалисозии Лоиҳа | Вазорати молия | | |
| 9 | Таъмин намудани сафари озоди шаҳрвандони Япония ва / ё шахсони воқеии кишварҳои сеюм, ки хизматрасонии онҳо барои таҳвили молу хизматрасониҳо, аз қабили таҷҳизот, воридоти номаҳдуд ва будубош дар кишвари Грантгиранда ҷиҳати иҷрои кору фаъолият мебошад | Дар вақти амалисозии Лоиҳа | Вазорати корҳои хориҷӣ | | |
| 10 | Пӯшонидани хароҷоти зарурӣ, ба истиснои маблағҳои аз ҳисоби Грант маблағгузоришаванда ҷиҳати амалисозии Лоиҳа ба миён меояд. | Дар вақти амалисозии Лоиҳа | Вазорати молия | | |
| 11 | Дар рафти амалисозии Лоиҳа ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ диққати зарурӣ дода шавад. | Дар вақти амалисозии Лоиҳа | Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати молия | | |

(С/Б: Созишномаи Бонкӣ, К/Н: Қобили кабул нест)

(2) Дигар ухдадориҳои Грантгиранда, ки аз ҳисоби грант падохт карда мешаванд

| No | Сархатҳо | Мухлати иҷро | Маблағ (миллион) йени Япония |
|---|---|---|---|
| 1 | Кор оид ба киро ва интихоби номзадҳои барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 2 | Пешниҳоди маълумот ба номзадҳои барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» дар бораи омӯзиш дар Япония | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 3 | Риоя намудани раванди қабули донишҷӯён ва ташкили сафари онҳо ба Япония | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 4 | Идоракунии раванди пардохти маблағи таҳсил ва стипендияҳо | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 5 | Гузаронидани семинарҳои иттилоотӣ пеш аз рафтан ба Япония ва баъд аз ворид шудан ба кишвар барои донишҷӯёни олимпии барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 6 | Мониторинги пешрафти таълим ва шароити зисти барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 7 | Ташкили барномаи баргардонидани донишҷӯёни барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо», ки аз дастгирӣ ва расмиёти зарурӣ барои баргаштани донишҷӯён иборат мебошад, дар охир вохӯри оид ба арзёбии барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо», вохӯри барои пешниҳоди ҳисобот оид ба натиҷаҳои барномаи «Пешниҳоди стипендияҳо барои тайёр кардани кадрҳо» | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| 8 | Иҷрои дигар ухдадориҳо, ки барои амалисозии Лоиҳа заруранд | Дар рафти амалисозии Лоиҳа | |
| | Ҳамагӣ | | 160 |

(Эзоҳ) Пешрафт дар иҷрои ухдадориҳои Грантгиранда ҳар сари вақт ба таври хаттӣ байни Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Грантгиранда метавонад тағйир ва тасдиқ карда шавад.

[Пур накунед]